«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
______________ Раҳмон Д.С.
«_03_» марти соли 2023

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи **"Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна соли 1978 Институти давлатии педагогии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро хатм намуда, солҳои 1978-1995 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб кору фаъолият кардааст. Соли 1995 фаъолияти кории хешро дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз бахшида, то соли 2015 ба ҳайси муаллими калони кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, ҷонишини декан оид ба таълими факултети филологияи тоҷик ва журналистика, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Аз соли 2015 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи адабиёти тоҷик ба таҳқиқи кори илмӣ машғул гардидааст. Айни ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият карда истодааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳоноти ҳадди ақалли номзадӣ аз фанҳои «Забони англисӣ» - (шаҳодатномаи №5 аз 20.05.2017, баҳо «4-хуб») ва «Фалсафа» (шаҳодатномаи №13 аз 02. 07. 2018, баҳо «5-аъло») аз тарафи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва имтиҳони ҳадди ақалли номзадӣ аз рӯйи ихтисос (аз 21.10.2020, баҳо «5-аъло») аз тарафи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Шоҳзамон Раҳмонов – доктори илмҳои филологӣ, профессори бахши адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти тоҷики ба номи Рӯдакии АМИТ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар таърихи 30.06.2014, қарори №11 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокима ва баррасӣ ҷаласаи васеи кафедраи адабиёти тоҷик **ба чунин хулоса омад**:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмию назарӣ таълиф ёфта, аз муқаддима, се боб (бо фарогирии чанд фасл ва зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти муҳаққиқ иборат аст.

Дар диссертатсияи мазкур муҳаққиқ хизматҳои Ғоиб Сафарзодаро дар адабиёти муосири тоҷик мушаххас нишон додааст.

Муҳтавои диссертатсия ба талаботи таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Муаллиф дар диссертатсия маълумоти заруриро оид ба зиндагинома ва осори шоир, рӯзноманигор ва тарҷумони болаёқат будани Ғоиб Сафарзода пешниҳод карда тавонистааст. Махсусан, дар кор ба фаъолияти шоирии адиб таваҷҷуҳи бештари муаллиф зоҳир гардидааст.

Муаллиф дар таҳқиқот зинаҳои рушду пешрафти шоирро дуруст муайян карда, қимати мундариҷавӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва бадеии осори

ӯро нишон дода, хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Ғоиб Сафарзодаро дар сатҳи зарурӣ ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашидааст.

Муаллиф адабиёти илмӣ ва илмию оммавии оид ба рӯзгору осори шоирро ҷамъоварӣ карда, аз ҷиҳати илмӣ истифода бурда, бо хулосаҳои худ, ки дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ба вуҷуд омадаанд, аҳамияти назарӣ ва амалии онҳоро муайян намудааст.

Унвонҷӯ зимни таҳқиқот осори Ғоиб Сафарзодаро, ки дар умри кӯтоҳи адиб ташаккул ва таҳаввул ёфта, аз ҷиҳати мавзуъ ва мундариҷа ва аз ҷиҳати мухтаво комил гардидааст, баҳо дода, эҷодиёти адибро намунаи беҳтарини назми адабиёти навини тоҷик муаррифӣ кардааст.

Муҳаққиқ иброз доштааст, ки натиҷа ва маводи таҳқиқ метавонад барои мутахассисони риштаҳои мухталифи илми адабиётшиносӣ судманд бошад.

Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти комил оид ба рӯзгор ва осори гаронбаҳои Ғоиб Сафарзода маҳсуб ёфта, дар рафти таҳқиқот унвонҷӯ хулосаҳои ҳосилшударо оид ба мавзуъ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ баромад кардааст. Ғайр аз ин, ҳафт мақолаи илмии ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзи илм ба табъ расонидааст, ки аз рӯйи мундариҷа бобҳои асосии корро фаро мегиранд.

Мундариҷа ва қисматҳои алоҳидаи рисола дар дар маҷаллаҳои илмии «Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», инчунин дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон» (бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ), маҷмуаи мақолаҳои илмӣ бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ – “Маҳсули андеша” инъикос ёфтаанд. Паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур дар курсҳои махсуси адабиёти тоҷик ва навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм мавриди баҳрабардории донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қарор мегиранд.

**Бозёфтҳои илмии рисола.** Дар диссертатсияи пешниҳодшуда дар илми адабиётшиносии тоҷик аввалин таҳқиқоти мукаммал дар бораи ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти адабию рӯзноманигории адиб, мавзуъ ва мундариҷа ва шаклу намунаҳои ашъори шоир Ғоиб Сафрзода мебошад. Муаллиф дар рисола ҷанбаҳои тозаи ҳунарӣ, тозакориҳои адабии шоирро бо мисолҳои мушаххас исбот намудааст.

Шеъри ӯ аз нигоҳи мазмуну ғоя ва ҳунари нигорандагӣ ба дараҷаи баланди шеъри имрӯз қарор дошта, дар тарбияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва худшиносии наслҳои гуногуни хонандагон саҳмгузор мебошад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ** бо омӯзиши осори донишмандони маъруфи ватанию хориҷӣ В.Г. Белинский, Бертелс, И.С. Брагинский, Ю. Акбарзода, А.Сайфуллоев, С.Табаров, М.Шукуров, , Р.Мусулмониён, Ш. Раҳмонов ва дигарон омода шудааст. Дар рисола осори Ғоиб Сафарзода вобаста ба ҳунари шоирии ӯ гурӯҳбандӣ шудааст. Таҳлили шеър ва достонҳои дастрас тамоми давраҳои ҳаёти Ғоиб Сафарзодаро аз даврони тифлӣ то охири умр фаро гирифтааст. Ҳамчунин арзиши назариявии рисола заминаи илмии таҳлили ашъорро барои шахсиятҳои машҳури илм, фарҳанг ва ҳунар фароҳам меорад.

**Асосҳои амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дар илми адабиётшиносии тоҷик аввалин пажуҳиши мукаммал оид ба ҳаёту фаъолияти Ғоиб Сафарзода маҳсуб ёфта, дорои аҳамияти амалӣ мебошад. Рисола дар омӯзиши таърихи адабиёти муосири тоҷик, курсу семинарҳои махсуси адабиёти факултетҳои филологияи мактабҳои олии кишвар, дар навиштани рефератҳо, корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар 13 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода (Муҳаббат нисбат ба зодгоҳ на муҳаббатест кӯчак)//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. –Душанбе: Сино, 2016.-№4/1 (195). -С.186-190.

[2-М]. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода (Ҳастии Ватан ҳаёту пайванди ман аст) //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. –Душанбе: Сино, 2016.-№4/2 (199). -С. 201-205.

[3-М]. Шоире бо шеъри баландпарвоз (Бахшида ба 75-солагии Ғоиб Сафарзода) //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. –Душанбе: Сино, 2016.-№4/3 (203). -С. 194-205.

[4-М]. Нақши қофия ва радиф дар ашъори Ғоиб Сафарзода //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. –Душанбе: 2022.-№1 (203). -С. 205-210.

[5-М]. Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. –Кӯлоб: 2023. -№2 (30) -С. 99-105.

Кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевнаро дар мавзуи “Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода” кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи зарурии илмию таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина диссертатсияи мазкур ба ҳимоя ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, қарори №7, аз 23 феврали соли 2023.

Номзади илми филология, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷик: Холиқова З. К.

Котиби илмӣ, доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси филология, дотсент: Шамшоди Ҷ.

«Имзои Холиқова З. К. ва Шамшоди Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (+992) 918670850
E-mail: mudir-72@mail.ru
“03” 03 соли 2023